**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 20.02.2025, № 85

Барои сазовор донистани Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501– Адабиёти тоҷик) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 23) 12-уми декабри соли 2024, суратмаҷлиси №73 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон 9-уми сентябри соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2018 зинаи бакалавриати Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улулғзодаро бо ихтисоси тарҷумон – референт ва соли 2020 зинаи магистратураи муассисаи мазкурро бо ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Аз 18-уми декабри соли 2023 то имрӯз ба ҳайси мудири шуъбаи бақайдгирӣ ва машварати академии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улулғзода фаъолият дорад.д.

Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон солҳои 2020-2023 ба ҳайси докторанти фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба кори таҳқиқӣ машғул шудааст..

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои филологӣ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода **Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович**.

**Муқарризони расмӣ**: **Қосимзода Солеҳ Салим**, доктори илмҳои филологӣ, сардори раёсати магистратура, аспирантура ва докторантура (PhD)-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва **Миралиева Сарварбӣ Толибовна**, номзади илмҳои филологӣ, сармутахассиси шуъбаи таълим ва мониторинги сифати таҳсилоти Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Сайидмуъмин Раҳимов ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар –** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт, доктори илмҳои филологӣ, профессор Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Худойдодов Аъзам Овлододович, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон дар мавзуи «Мавзуъ ва мундариҷаи ғоявии ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501– Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртиботи қавӣ дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Маҳкамов, Д.С. Баррасии масоили иҷтимоӣ дар ашъори Низом Қосим / Д.С. Маҳкамов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2022. – № 3 (47). – С. 118-127.

[2-М]. Маҳкамов, Д.С. Тасвири симои қаҳрамонҳои Тоҷикистон ва дигар шахсони маъруф дар ашъори Низом Қосим / Д.С. Маҳкамов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. – № 6 (107). – С. 135-145.

[3-М]. Абдураҳимов, Б.А., Маҳкамов, Д.С. Мақоми масоили сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ашъори Низом Қосим / Б.А. Абдураҳимов, Д.С. Маҳкамов // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2023. – № 4 (52). – С. 224-231.

[4-М]. Маҳкамов, Д.С. Тараннуми Ватан ва муқаддасоти он дар ашъори Низом Қосим / Д.С. Маҳкамов // Номаи Донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Душанбе, 2024. – № 1 (78). – С. 245-254.

[5-М]. Абдураҳимов, Б.А., Маҳкамов, Д.С., Мақоми эҷодии Низом Қосим дар ҷомеа ва баҳои муҳаққиқону ҳамкасбон ба ашъори ӯ / Б.А. Абдураҳимов, Д.С. Маҳкамов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2024. – № 3 (110) – С. 146-152.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. Маҳкамов, Д.С. Таҷаллии афкори иҷтимоӣ ва таҷаддуди маъноӣ дар ашъори Низом Қосим / Д.С. Маҳкамов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантон, магистрантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳти унвони «Нақши фанҳои гуманитарӣ, ҷомеашиносӣ ва дақиқ дар рушди босуботи ҷомеа». – Душанбе, 2023. – С. 145-153.

[7-М]. Абдураҳимов, Б.А., Маҳкамов, Д.С. Корбурди мавзуъҳои иҷтимоию сиёсӣ ва таърихии Шарқ дар ашъори Низом Қосим / Б.А. Абдураҳимов, Д.С. Маҳкамов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ

тахти унвони «Филологияи Шарқ: пажӯҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ». – Душанбе, 2023. – С. 260-269.

[8-М]. Маҳкамов, Д.С. Ҳунари чеҳраофарӣ ва образи шахсиятҳои маъруф дар ашъори Низом Қосим / Д.С. Маҳкамов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар замони муосир». – Душанбе, 2022. – С. 36-52.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Ҳошимова Хуршеда Абдумanоновна** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант ду эрод манзур шудааст:

1. Вазифаҳое, ки диссертант дар ҳадафи таҳқиқ зимни арзёбии аҳаммияти ашъори Низом Қосим овардааст, каме маҳдудтар ба назар мерасад. Гарчанде ки доираи таҳлилу таҳқиқи муҳаққиқ дар асл васеътар мебошад.

2. Дар боби дувум, фасли аввали боби дувум ва дар дигар бобҳо дар таҳлилу таҳқиқ ва арзёбии ашъори Низом Қосим дар фишурда порчаҳои шеърӣ барои тақвияти фикр ба назар нарасид.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Собиров Ҳамза Юсуфович** низ мусбат буда, дар радифи ёдоварӣ аз муваффақиятҳои диссертант эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Хуб мешуд, ки дар баъзе бахшҳои кор аз эҷодиёти шоир намунаҳои шеърӣ барои тақвияти андеша истифода мегардид, зеро дар тамоми автореферат танҳо як байт оварда шудааст.

2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 4, 5, 13, 15, 23) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Маҳмадалиева Муҳаббат Раҳмоновна**, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба камбудиҳои зерини автореферат ишора шудааст:

1. Хуб мешуд, ки диссертант зимни баррасии андешаҳои сиёсиву иҷтимоии шоир ба унвони шавоҳид байтҳоеро пиромуни ин мавзуъ дар автореферат зикр мекард.

2. Ба андешаи мо, беҳтар мебуд, ки фасли ниҳоии боби сеюм «Навпардозиҳои шоир дар эҷоди жанрҳои саҳнавии манзум» унвон мегирифт.

3. Дар саҳифаҳои автореферати диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ ва техникиро мушоҳида кардан мумкин аст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– унвонҷӯ Наврӯззода Доро Суҳробҷон бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти адабиётшиносӣ ба рӯзгору осор ва мухтассоти лирикаи иҷтимоии Низом Қосим пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
– таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси маҷмуаҳои интишорёфта, ашъори дар рӯзномаву маҷаллаҳои адабӣ нашрнамудаи Низом Қосим ва ду маҷмуаи осори насрии ӯ сурат гирифтааст. Нашрҳои мазкур дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**
– масъалаҳои марбут ба мавзуъ ва хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ашъори сиёсию иҷтимоии Низом Қосим **баррасӣ гардида**, моҳият ва аҳаммияти адабию ҳунарӣ ва тарбиявию эстетикии онҳо **муайян карда шудаанд;**
– бозтоби бадеии масоили сиёсию иҷтимоӣ дар ашъори Низом Қосим аз дидгоҳҳои гуногун **таҳқиқу баррасӣ гардида,** аҳаммияти эҷодиёти адиб дар тарбияи сиёсӣ, иҷтимоӣ, ватандӯстӣ ва ахлоқии насли наврас **собит шудааст;**
– вежагиҳои мавзуии лирикаи иҷтимоии Низом Қосим таъин гардида, мунсубияти жанрӣ, бадеият ва анъанаю навпардозиҳои шоир дар анвои гуногуни адабӣ **мушаххас карда шудаан**д;

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола омӯзиш ва шинохти ҷанбаҳои гуногуни эҷодиёти Низом Қосим, хусусан, ашъори ӯро комилтар гардонида, дар баррасии самтҳои дигари фаъолияти адиб ва зимни пажӯҳишҳои адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ, забоншиносӣ, таърихнигорӣ ва рӯзноманигорӣ метавонад нақши муҳим дошта бошад.

Таҳлилҳои анҷомёфта, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада дар баррасӣ, шинохт ва таҳлили ашъори иҷтимоию ватандӯстона мусоидат карда метавонанд. Натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои пажӯҳишии муҳаққиқро дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳои ҳамгун

ва зимни баррасии дигар паҳлуҳои фаъолияти эҷодии Низом Қосим метавон истифода бурд.

Арзиши амалии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар диссертатсия манзуршуда ва натиҷаҳои таҳқикро метавон ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ ва омода намудани китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёти давраи нав, хусусан, адабиёти замони Истиқлол барои факултетҳои равияи суханшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дод.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии адабиётшиносон ва шарқшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла С. Айнӣ, Е.Э. Бертелс, Р. Ҳодизода, А. Афсаҳзод, А. Зарринкӯб, Т. Зеҳнӣ, С. Табаров, М. Шакурӣ, А. Маниёзов, А. Саъдуллоев, Ю. Акбарзода, А. Кӯчарзода, Р. Ваҳҳобзода ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, хронологӣ, таҳлилӣ ва назарияи жанрҳои адабӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои дар рисола суратгирифта, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии бакоргирифтаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажӯҳишҳо оид ба лирикаи иҷтимоии Низом Қосим, фаъолияти гуногунҷабҳаи ӯ – тарҷумонӣ, драматургӣ, публитсистӣ ва мунаққидӣ метавон истифода бурд. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои омӯхтанашудаи таърихи адабиёти давраи нави тоҷик, хусусан, даврони Истиқлол ва ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба рӯзгору осори Низом Қосим мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва таҳқиқи осори назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии

кор, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ оид ба нақшу ҷойгоҳи Низом Қосим дар адабиёти замони Истиқлол таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули ҷустуҷӯ ва фаъолияти илмии муаллиф буда, саҳми фардии ӯ дар гирдоварӣ ва таҳқиқи манобеи илмию адабӣ роҷеъ ба лирикаи иҷтимоии Низом Қосим ва дар ин замина муайян намудани хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва масъалаҳои марбут ба мавзую муҳтавои ашъори шоир мушаххас мешаванд.

Муаллиф бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи масъалаҳои адабиётшиносӣ, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 20-уми феврали соли 2025 дар бораи сазовор донистани Наврӯззода Доро Сӯҳробҷон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501– Адабиёти тоҷик) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №360/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 6D020501– Адабиёти тоҷик иштирок доштанд.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – 1 адад.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.

20.02.2025.